# Китоби Рут

*Элимелех бо оилааш ба Мӯоб мекӯчад*

1-2 (1–2) Замоне, ки дар сарзамини Исроил доварон*
ҳукмронӣ мекарданд, гуруснагии сахте ба миён
омад. Ҳамзамон дар деҳаи Байт-Лаҳми† вилояти
Яҳудия Элимелех ном марде зиндагӣ мекард, ки аз
авлоди Эфротиён буд. Рӯзе ӯ ҳамроҳи ҳамсараш
Ноомӣ ва ду писараш Маҳлон ва Килъон ба сарзамини
Мӯоб‡ кӯчида рафт, то дар он ҷо зиндагӣ кунад.
3 Аммо пас аз чанд вақт Элимелех — шавҳари
Ноомӣ аз олам чашм пӯшида, ӯро бо ду писараш
танҳо гузошт. 4 Писаронаш духтарони мӯобиро ба
занӣ гирифтанд, ки номи яке Орфо ва дигаре Рут буд.
Баъди даҳ соле, ки онҳо дар он ҷо умр ба сар бурданд,
5 Маҳлон ва Килъон низ аз олам гузаштанд. Инак,
Ноомӣ бешавҳару беписар монд.

*Бозгашти Ноомӣ ба Байт-Лаҳм*

6 Пас аз муддате Ноомӣ шунид, ки Худованд ба
халқи худ баракати ҳосили фаровон додааст. Ӯ бо
занони писаронаш бархост, то ки Мӯобро тарк кунад.
7 Ҳамроҳи ду келинаш ҷойи зисти худро гузошта, ба
роҳ баромад, то ба Яҳудия баргардад.
8 Аммо дар роҳ Ноомӣ ба онҳо гуфт: «Ба хонаҳои
модаронатон баргардед. Бигзор Худованд ба ивази

---

* **1:1–2** доварон — роҳбарони қадимаи халқи Исроил, ки вазифаи ҳукмкунӣ, ҳимоякунӣ ва роҳбариро ба ӯҳда доштанд. † **1:1–2** Байт-Лаҳм — «хонаи нон» маъно дорад. ‡ **1:1–2** Мӯоб — яке аз халқҳои Канъон, ки душмани халқ Исроил буд.

некиҳое, ки ба ман ва фарзандони раҳматиам кардед,
ба шумо некӣ кунад. 9 Дуо мекунам, ки ҳардуятон
боз ба шавҳар бароед ва шуморо дар он хона хуш
бипазиранд». Пас Ноомӣ хайрухушкунон онҳоро
бӯсид. Аммо онҳо гиря карда 10 гуфтанд: «Не, мо
ҳамроҳатон назди халқи шумо меравем». 11 Ноомӣ
дар ҷавоб гуфт: «Духтаронам, шумо бояд баргардед.
Чаро ҳамроҳи ман будан мехоҳед? Оё ман метавонам
боз соҳиби писароне шавам, ки шуморо ба занӣ
гиранд? 12 Духтаронам, ман барои дубора шавҳар
кардан пир шудаам, барои ҳамин ба хонаҳои худ
баргардед. Ҳатто агар чунин имкон бошаду ман
ҳамин шаб шавҳар карда писардор шавам ҳам, 13 оё
шумо то ба воя расидани онҳо сабр мекунед? Ин хел
шумо шавҳар карда наметавонед. Не, духтаронам,
шумо медонед, ки ин номумкин аст. Ранҷу азобе, ки
дорам, бароятон беҳад вазнин аст, чунки Худованд
бар зидди ман аст». 14 Онҳо боз бо овози баланд гиря
карданд. Сипас Орфо хушдоманашро бӯсида, бо ӯ
хайрухуш карда рафт, аммо Рут бо ӯ монд.

15 Ноомӣ ба ӯ гуфт: «Бубин, Орфо ба назди қавми
худ ва худоёни худ бармегардад, ту ҳам ҳамроҳи ӯ
бирав». 16 Аммо Рут илтиҷо кард:

«Маро маҷбур накунед, ки аз пешатон равам. Иҷозат диҳед, ҳамроҳатон истам.

Ҳар ҷойе ки равед, ман ҳам меравам. Ҳар ҷойе ки зиндагӣ кунед, ман ҳам он ҷо зиндагӣ мекунам.

Халқи шумо халқи ман ва Худои шумо Худои ман мешавад.

17 Ҳар ҷое ки бимиред, ман ҳам ҳамон ҷой хоҳам мурд ва дар он ҷой маро низ гӯр хоҳанд кард.

Агар чизе ғайр аз марг маро аз шумо ҷудо кунад, Худо ба балои бад гирифторам кунад».

18 Ноомӣ чун фаҳмид, ки Рут аз гапаш намегардад,
дигар чизе нагуфт.

19 Ҳамин тавр, онҳо роҳи худро давом доданд ва
ба шаҳри Байт-Лаҳм расиданд. Ҳангоме онҳо ба
шаҳр даромаданд, мардум аз дидани онҳо ба ҳаяҷон
омаданду занон чунин мегуфтанд: «Наход ин Ноомӣ
бошад?» 20 Ноомӣ дар ҷавоб гуфт: «Худои Таоло
ҳаёти маро хеле талху ғамнок кардааст, барои ҳамин
маро дигар Ноомӣ (яъне форам) нагӯед, балки Мора
(яъне талх) бигӯед. 21 Вақте ки аз ин ҷо баромада
рафтам, ҳама чиз доштам, аммо Худованд маро бо
дасти холӣ баргардонд. Чаро маро Ноомӣ мегӯед,
ҳол он ки Худованд маро ба чунин мусибат гирифтор
кардааст ва Худои Таоло маро бадбахт намудааст?»

22 Инак, Ноомӣ ҳамроҳи келинаш Рут аз сарзамини
Мӯоб баргашт. Ҳангоме ки онҳо ба шаҳри Байт-Лаҳм
расиданд, мавсими дарави ҷав нав сар шуда буд.

# 2

*Рут дар киштзори Бӯаз*

1 Ноомӣ хешованде дошт, ки номаш Бӯаз буд.
Бӯаз марди сарватманду баобрӯ аз қабилаи шавҳараш
Элимелех буд. 2 Рӯзе Рут ба Ноомӣ гуфт: «Иҷозат
диҳед, ба киштзорҳои гирду атроф равам, шояд ягон
кас ба ман раҳм карда гузорад, ки хӯшаҳои аз паси
даравгарон ба замин афтодаро чинам». Ноомӣ ҷавоб
дод: «Бирав, духтарам».

3 Пас Рут ба киштзоре рафта, аз қафои даравгарон
хӯшаҳои афтодаро мечид. Бо амри тасодуф он
киштзор ба Бӯаз, ки аз қабилаи Элимелех буд,
тааллуқ доштааст.

4 Пас аз муддате Бӯаз аз деҳаи Байт-Лаҳм омад ва бо
коргарон саломи алейк карда гуфт: «Худованд ёратон

бод!» Онҳо дар ҷавоб гуфтанд: «Раҳмат, Худованд
шуморо баракат диҳад!» 5 Бӯаз аз саркори даравгарон
пурсид: «Он зани ҷавон кист?» 6 Саркор ҷавоб дод:
«Ин зани ҷавон ҳамон мӯобӣ аст, ки ҳамроҳи Ноомӣ
аз кишвари Мӯоб омадааст. 7 Ӯ аз ман иҷозат пурсид,
ки аз қафои даравгарон хӯшаҳои ба замин афтодаро
чинад. Ӯ аз субҳ то ин дам машғули кор аст, танҳо як
бор дар зери соябон каме истироҳат кард».

8 Он гоҳ Бӯаз ба Рут гуфт: «Духтарам, гӯш кун,
барои хӯшачинӣ ба майдонҳои дигар нарав, балки
дар ҳамин ҷо бо занон истода, кор кун. 9 Ба онҳо
нигоҳ кун, ҳар ҷое ки онҳо дарав кунанд, ту ҳам аз
қафои онҳо рав. Ман ба мардикорони худ амр додам,
ки ба ту даст нарасонанд. Агар ташна шавӣ, рафта аз
кӯзаҳое, ки хизматгоронам об пур мекунанд, бинӯш».

10 Рут то замин ба Бӯаз таъзим карда, гуфт: «Чаро
шумо ба ман ин хел ғамхорӣ мекунед? Чаро ба як
шахси бегона ин қадар меҳрубон ҳастед?»

11 Бӯаз дар ҷавоб гуфт: «Ҳар он чӣ ту баъди марги
шавҳарат дар ҳаққи хушдоманат кардӣ, ба гӯшам
расид. Медонам, ки падару модар ва ватани худро
монда омадӣ, то дар байни халқи ношинос зиндагӣ
кунӣ. 12 Худованд барои корҳои кардаат ба ту файзу
баракат диҳад. Бигзор Худованд, Худои Исроил, ки
назди Ӯ омадаӣ, туро дар паноҳаш нигоҳ дорад ва ба
ту мукофот ато намояд».

13 Рут дар ҷавоб гуфт: «Эй хоҷаи меҳрубон, маро
аз марҳамати худ дар оянда ҳам маҳрум накунед.
Шумо ба ман, ки ҳатто канизатон нестам, суханони
нек гуфта, тасаллӣ додед».

14 Дар вақти хӯрокхӯрӣ Бӯаз ба Рут гуфт: «Биё,
хӯрок хӯр. Нонатро ба ширеи ангур тар карда хӯр».
Пас Рут дар назди даравгарон нишаст ва Бӯаз ба ӯ

гандумбирён дод. Рут то серӣ хӯрду боз боқӣ монд.
15-16 Чун Рут бархоста, ба хӯшачинӣ сар кард, Бӯаз
ба даравгарони худ амр дода гуфт: «Агар ӯ байни
хӯшаҳои баста хӯша чинад ҳам, ба ӯ чизе нагӯед ва
кордор нашавед. Баръакс, каме аз хӯшаҳои басташуда
низ ба рӯйи замин бирезед, то ӯ бичинад».

17 Рут то бегоҳ дар он киштзор хӯша чид. Вақте
хӯшаҳоро бикӯфт, тақрибан дувоздаҳ кило ҷави тоза
ба даст овард. 18 Рут онро бо худ ба шаҳр овард ва
хушдоманаш дид, ки чӣ қадар ҷав ҷамъ кардааст.
Ӯ боқимондаи хӯроки худро низ ба Ноомӣ дод.
19 Ноомӣ аз ӯ пурсид: «Аз куҷо ҳамаи инро ҷамъ
овардӣ? Дар кадом киштзор кор кардӣ? Худо касеро,
ки ба ту ин қадар ғамхорӣ кардааст, баракат диҳад!»
Рут ба хушдоманаш гуфт, ки дар киштзори Бӯаз ном
марде кор кардааст.

20 Ноомӣ ба Рут гуфт: «Худованд Бӯазро баракат
диҳад! Ӯ марҳамати худро аз мо ва аз мурдагон дареғ
надоштааст». Ӯ боз илова кард: «Он мард яке аз
хешони наздики мост, ки бояд сарпарастиамонро ба
ӯҳда бигирад». 21 Пас аз он Рут гуфт: «Ӯ ҳатто ба ман
гуфт, ки бо коргаронаш то тамом шудани мавсими
дарав дар киштзори ӯ хӯша чинам».

22 Ноомӣ ба Рут гуфт: «Бале, духтарам, ҳамроҳи
занон дар киштзори Бӯаз кор кунӣ, беҳтар аст. Агар
ба ҷойи дигар равӣ, мумкин коргарон ба ту даст
расонанд». 23 Бо ҳамин, Рут то охири мавсими дарави
гандуму ҷав бо канизони Бӯаз ҷамъоварии ғалларо
давом медод ва бо хушдоманаш зиндагӣ мекард.

# 3

### *Ноомӣ барои Рут нақша мекашад*

1 Боре Ноомӣ, хушдомани Рут, ба ӯ гуфт:
«Духтарам, ман бояд бароят паноҳгоҳе пайдо кунам,
то ки ту бароҳат бошӣ. 2 Ҳамон Бӯаз, ки ту ҳамроҳи
хизматгоронаш кор кардӣ, хеши мост. Акнун гӯш
кун. Ӯ имшаб дар хирмангоҳ ҷав бод мекунад.
3 Ту худатро тоза бишӯй, каме атр бизан ва либоси
беҳтаринатро пӯшида, ба хирманҷо рав. Аммо то
хӯрдану нӯшиданро тамом накунад, худро ба ӯ
нишон надеҳ. 4 Вақте ки хоб меравад, ҷойи хобашро
фаҳм, ки дар куҷост. Он гоҳ ба назди ӯ рафта, кӯрпаи
ӯро аз рӯйи пойҳояш кушода, назди пойҳояш хоб кун.
Пас худи ӯ мегӯяд, ки чӣ бояд кунӣ». 5 Рут дар ҷавоб
гуфт: «Ҳамаи гуфтаҳоятро иҷро мекунам».

*Рут ба назди Бӯаз меравад*

6 Пас Рут ба хирманҷо рафта, ҳамон тавре ки
хушдоманаш фармуда буд, амал кард. 7 Вақте ки
Бӯаз хӯрдану нӯшиданро тамом кард, хушҳол шуд ва
назди охирин хирмани ҷав рафта, хобид. Рут оҳиста
ба ӯ наздик шуд ва як гӯшаи кӯрпаи ӯро бардошта,
дар поёни пойи Бӯаз дароз кашид. 8 Нисфи шаб Бӯаз
ногаҳон аз хоб бедор шуд ва чун дид, ки зане дар
поёни пойҳояш хобидааст, ҳайрон шуд. 9 Бӯаз «Ту
кистӣ?» гуфта пурсид. Рут ҷавоб дод: «Ман канизи
шумо, Рут ҳастам. Шумо ки хеши наздиктарини мо
ҳастед, хоҳиш мекунам, сарпарастии маро ба ӯҳда
гиред».

10 Бӯаз гуфт: «Духтарам, Худованд туро баракат
диҳад. Ин кори неке, ки ҳоло кардӣ, аз коре, ки
пештар карда будӣ, бузургтар аст. Ту метавонистӣ
аз қафои ҷавонмардони бой ё камбағал равӣ, вале
ин корро накардӣ. 11 Духтарам, дигар натарс, ҳама
хоҳишатро иҷро мекунам. Тамоми мардуми шаҳр
медонанд, ки ту зани баномусӣ. 12 Дуруст аст, ки ман

— хеши ту, вале аз ман дида, боз хеши наздиктар
ҳаст. 13 Шабона ин ҷо бимон. Фардо субҳ мефаҳмам,
ки оё ӯ ҳимояи туро ба ӯҳда мегирад ё не. Агар
бигирад, хуб аст, вагарна ба Худои зинда қасам, ки
худам туро мегирам. Ҳоло то саҳар ин ҷо хоб кун».
14 Пас Рут то саҳар дар поёни пойҳои Бӯаз хобид.
Аммо, чашми рӯз ҳанӯз накафида, аз хоб бедор шуд.
Бӯаз намехост, ки касе ба хирманҷо омадани занро
бифаҳмад. 15 Ӯ ба Рут гуфт: «Рӯймолатро ба рӯйи
замин паҳн кун». Рут ҳамин тавр кард. Бӯаз дар
он тақрибан 25 кило ҷав рехт ва онро ба китфи Рут
гузошт. Баъд худ ба шаҳр рафт. 16 Ҳангоме ки Рут ба
назди хушдоманаш омад, Ноомӣ аз ӯ пурсид: «Хуб,
чӣ гап, духтарам?» Рут ҳамаи ҳодисаро гуфт, ки
Бӯаз барои ӯ чӣ кор кард 17 ва илова намуд: «Бӯаз
ба ман гуфт, ки набояд бо дастони холӣ ба назди ту
баргардам. Ӯ ҳамаи ин ҷавро ба ман дод». 18 Ноомӣ
ба ӯ гуфт: «Ҳоло сабр кун, духтарам, ки натиҷаи ин
кор чӣ мешавад, зеро ин шахс то ин масъаларо имрӯз
ҳал накунад, ором намешавад».

# 4

*Бӯаз бо Рут издивоҷ мекунад*

1 Он гоҳ Бӯаз ба назди дарвозаи шаҳр рафта, он ҷо
нишаст. Вақте ҳамон хешованде, ки дар борааш гуфта
буд, аз он ҷо мегузашт, Бӯаз ӯро садо карда гуфт: «Эй
дӯстам, биё ин ҷо бишин». Ӯ омада, он ҷо нишаст.
2 Сипас Бӯаз даҳ нафарро аз роҳбарони шаҳр* даъват
намуда, аз онҳо хоҳиш кард, ки он ҷо нишинанд.
Вақте онҳо ба ҷойҳои худ гузаштанд, 3 Бӯаз ба хешаш
муроҷиат намуд: «Ҳоло Ноомӣ аз сарзамини Мӯоб
баргаштааст ва мехоҳад заминеро, ки аз они хеши

* **4:2** Яъне, пирони шаҳр.

мо — Элимелех аст, фурӯшад. 4 Фикр кардам, ки
ман бояд ин хабарро дар ҳузури ин ҷо нишастагон ва
дар ҳузури роҳбарони халқи ман ба ту расонам, то он
заминро бихарӣ. Агар харидан нахоҳӣ, ба ман бигӯй,
то ки ман донам, чун ҳаққи хариди он заминро аввал
ту дорӣ, баъд аз ту ман метавонам онро бихарам».
Он шахс гуфт: «Ман онро мехарам». 5 Он гоҳ Бӯаз
гуфт: «Хуб, ҳангоми харидани замини Ноомӣ ту бояд
Рути мӯобиро, ки шавҳараш аз олам гузаштааст, ба
занӣ бигирӣ. Ба ин восита вақте кӯдакдор шуда,
соҳиби меросхӯр мегардед, мероси шавҳараш аз байн
намеравад». 6 Он мард дар ҷавоб гуфт: «Ман он
заминро харида наметавонам, чунки агар бихарам,
молу мулки худро зери хатар мегузорам. Ту ӯро гир,
чунки ман ин корро карда наметавонам».

7 Давраҳои пеш дар Исроил чунин расм буд, ки
ҳангоми харидуфурӯш ё додугирифт барои тасдиқи
ҳамон амал як кас пойафзоли худро кашида, ба
каси дигар медод. Дар Исроил ин тарзи қонунӣ
гардонидани ҳамон кор ҳисоб мешуд.

8 Пас ҳамон хеш пойафзоли худро кашида, ба Бӯаз
гуфт: «Ту онро бихар». 9 Он гоҳ Бӯаз ба роҳбарон ва
ба ҳозирин рӯй овард: «Шумо акнун шоҳид ҳастед,
ки ман заминҳоеро, ки аз они Элимелех, Килъон ва
Маҳлон аст, аз Ноомӣ мехарам. 10 Инчунин Рути
мӯобиро, ки зани Маҳлон буд, ба занӣ мегирам, то ки
замини он шахс барои аҳли оилаи ӯ боқӣ бимонад ва
номаш дар хонадону зодгоҳаш аз байн наравад. Шумо
имрӯз шоҳид ҳастед».

11 Он гоҳ роҳбарон† ва мардуме, ки дар назди
дарвоза ҷамъ омада буданд, тасдиқ карданд: «Бале,
мо шоҳид ҳастем. Худованд ҳамсаратро монанди

† **4:11** Яъне, пирони шаҳр.

занони Яъқуб‡ — Роҳел ва Леё гардонад. Ин
занон барои ӯ фарзандони зиёдро ба дунё оварданд.
Дар байни Эфротиён сарват ба даст орӣ ва номат
дар деҳаи Байт-Лаҳм машҳур гардад. 12 Фарзандоне,
ки Худованд аз ин зани ҷавон ба ту ато мефармояд,
хонадони туро мисли хонадони Форас бисозанд, ки
Томор ӯро барои Яҳудо таваллуд карда буд».

*Рут писардор мешавад*

13 Пас аз он Бӯаз Рутро ба занӣ гирифта, бо ӯ
ҳамбистар шуд ва Худованд ӯро баракат доду Рут
ҳомиладор шуда, писаре ба дунё овард. 14 Занони
шаҳр ба Ноомӣ мегуфтанд: «Худоро шукр, ки Ӯ туро
бе меросхӯре, ки нигаҳбонат мешавад, нагузошт!
Бигзор номи ин кӯдак дар Исроил машҳур гардад!
15 Ӯ акнун бароят зиндагии наве хоҳад бахшид ва
атои айёми пириат хоҳад буд, зеро ӯро келинат, ки
туро дӯст медорад ва бароят аз ҳафт писар ҳам беҳтар
аст, ба дунё овардааст». 16 Ноомӣ он кӯдакро ба
оғӯш гирифта, парасторӣ мекард. 17 Занони ҳамсоя
мегуфтанд: «Ноомӣ писардор шуд» ва ба кӯдак Убид
ном ниҳоданд. Убид падари ҳамон Йисой аст, ки
падари Довуд буд.

*Бӯаз ва насли ӯ*

18 Авлоди Форас инҳоянд: Форас падари Ҳесрӯн,
19 Ҳесрӯн падари Ром, Ром падари Аминодоб,
20 Аминодоб падари Наҳшӯн, Наҳшӯн падари Салмӯн,
21 Салмӯн падари Бӯаз, Бӯаз падари Убид, 22 Убид
падари Йисой ва Йисой падари Довуд буд.

---

‡ **4:11** Яъне, Исроил.

x

# Хушхабар
# Portions of the Holy Bible in the Tajik language of Tajikistan
## Части Библии в таджикском языке Таджикистан

Copyright © 2010, 2014 Фонди «Калом»

Language: тоҷикӣ (Tajik)

This translation is made available to you under the terms of the Creative Commons Attribution-Noncommercial-No Derivatives license 4.0.
You may share and redistribute this Bible translation or extracts from it in any format, provided that:

You include the above copyright and source information.

You do not sell this work for a profit.

You do not change any of the words or punctuation of the Scriptures.

Pictures included with Scriptures and other documents on this site are licensed just for use with those Scriptures and documents. For other uses, please contact the respective copyright owners.

2014-04-02

---

PDF generated using Haiola and XeLaTeX on 11 Nov 2022 from source files dated 22 Nov 2019
1f8fe4f8-d37a-5948-a2bf-cc6be88e89cb